МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 03/2с

аз «05» 01 соли 2023

Вазорати рушди
иқтисод ва савдои
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Тартиб ва шартҳои ворид намудани номи расмӣ, Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар рамзҳои давлатӣ ҳамчун унсурҳои ҳифзнашаванда дар тамғаи молӣ" ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор лоиҳаи зикргардида ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ шудааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа, ки аз ҷониби таҳиякунанда пешниҳод шудааст, Маркази миллии қонунгузорӣ хулосаи зеринро пешниҳод менамояд:

1. Тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби таҳиякунанда - Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя гардидааст.

2. Дар лоиҳа ухдадориҳо барои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ вобаста ба пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои дахлдор барои ба тамғаҳои молӣ ворид намудани номи расмӣ, Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар

рамзҳои давлатӣ ҳамчун унсурҳои ҳифзнашавандаи тамғаи молӣ, пешбинӣ гаштааст.

3. Маҳдудиятҳо оид ба бе хулосаи мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи моликияти саноатӣ истифода бурдани номи расмӣ, Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар рамзҳои давлатӣ ҳамчун унсурҳои ҳифзнашавандаи тамғаи молӣ барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, пешбинӣ шудааст.

4. Дар лоиҳа барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон масрафҳои беасос мушоҳида намегардад.

5. Роҳи интихобшуда барои танзими раванди ворид намудани номи расмӣ, Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар рамзҳои давлатӣ ҳамчун унсурҳои ҳифзнашаванда дар тамғаи молӣ мусоидат менамояд.

6. Иловатан пешниҳод мегардад:

- номи лоиҳаи Тартиб ба муқаррароти қисми 6 моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ” мутобиқ карда шавад;

- сархати якуми банди 3 лоиҳаи Тартиб дар таҳрири зерин муайян карда шавад:

“шахси воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ мебошад;”;

- сархати дуюми банди 3 лоиҳаи Тартиб дар таҳрири зерин муайян карда шавад:

“ҳуҷҷати тасдиқкунандаи кафолат оид ба сифати баланди молҳо ва ё хизматрасониҳои арзшуда пешниҳод намояд.”;

- банди 5 лоиҳаи Тартиб дар таҳрири зерин баён карда шавад:

“Аризадиҳанда, ки шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ мебошад ва фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳад, дар рафти экспертизаи ариза барои бақайдгирии тамғаи молии дорои унсурҳои ҳифзнашаванда асоснокии интихоби чунин унсурҳоро пешниҳод менамояд.”;

- дар банди 13 лоиҳаи Тартиб калимаи “ширкатнамудаи” хориҷ карда шавад;

- хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ дар матни тоҷикӣ ва русии лоиҳа бартараф карда шаванд;

- номи русии лоиҳаи қарор дар таҳрири зайл баён карда шавад:

“О Порядке и условиях включения официального названия, государственного флага, герба Республики Таджикистан и других государственных символов в качестве неохраняемых элементов товарного знака”;

- дар матни русии банди 2 лоиҳаи қарор калимаҳои “в товарных знаках” ба калимаҳои “товарного знака” иваз карда шаванд;

Инчунин, матни русии лоиҳаи Тартиб ба матни тоҷикии он мутобиқ карда шуда, дар тамоми матни русии лоиҳа хатогиҳои грамматикӣ бартараф карда шаванд.

Директор Саидзода И.Ҳ.